**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак бинои 11)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Тоҷикистон, ҳамрадифи дигар давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ибтидои солҳои навадуми асри гузашта бо падидаҳои хатарноки ҷинояткорӣ, аз ҷумла тахрибкорӣ ва ифротгароии мазҳабӣ, ки дар он давра дар шакли фаъолиятҳои муташаккили фаромиллӣ зуҳур намуданд, рӯ ба рӯ гардида, муборизаи мақсаднок ва пайгиронаро ба роҳ мондааст. Таҷрибаи таърихии ин марҳала нишон медиҳад, ки чунин таҳдидҳо на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба суботи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар шароити муосир тахрибкорӣ ҳамчун яке аз шаклҳои хавфноктарини ҷинояткорӣ арзёбӣ гардида, бо дарназардошти хусусияти мураккаб ва аксаран фаромиллии он, хатари ҷиддӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳими давлат ва ҷомеа эҷод менамояд. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди тахрибкорӣ на танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки уҳдадории умумии тамоми ҷомеаи мутамаддин маҳсуб меёбад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мафҳуми «тахрибкорӣ» баҳои дақиқи ҳуқуқӣ дода, онро ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят муқаррар намудааст. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки асоси танзими муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳад, доираи аломатҳо ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин кирдорҳо муайян менамояд. Ҳамзамон, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ҳамчун яке аз вазифаҳои калидии қонуни ҷиноятӣ эътироф гардидааст. Чунончи, мувофиқи моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, инчунин таъмини сулҳ ва амнияти башарият ва ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ равона шудааст.

Дар ин замина, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 29 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат муқаррар намуда, тахрибкориро ҳамчун яке аз ҷиноятҳои давлатӣ эътироф мекунад. Чунин танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти махсус дошта, ба таҳкими низоми амнияти миллӣ, пешгирии

таҳдидҳои дохилию хориҷӣ ва таъмини рушди устувори давлат мусоидат менамояд.

Дар КҶ ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар м. 309 пешбинӣ гардидааст, ки он дар боби 29 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» ҷойгир гардидааст. Моддаи 309 КҶ ҶТ аз 2 қисм иборат буда, дар он ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани таркиш, сӯхтор ё дигар кирдорҳое, ки барои нобуд ё вайрон кардани корхонаву иншоот, роҳ ва воситаҳои нақлиёт, воситаҳои алоқа, объектҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ бо мақсади ноустувор кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Таҳлили ҳуқуқии мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мубрамияти ин масъала пеш аз ҳама бо тағйирёбии муҳити геосиёсӣ ва афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ асоснок мегардад. Тавре Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, «вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем» (аз Паёми Пешвои миллат аз 26.01.2021). Ин таъкид зарурати таҳкими заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди чунин ҷиноятҳоро боз ҳам равшан месозад.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи тахрибкориро дар доираи сохтори мантиқии илмӣ се боб ва ҳафт зербоб ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар он ҷанбаҳои муҳими масъала, аз ҷумла таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят, инчунин фарқияти он аз терроризм ба таври низомнок таҳқиқ гардидаанд.

Мазмуни автореферат гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ дар самти ҳифзи амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд. Ҳамзамон, ҷанбаҳои баррасишуда барои рушди дигар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ низ аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳлили диссертатсия, андешаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва мафҳумҳои пешниҳоднамудаи муаллиф, инчунин баррасии проблемаҳои

қонунгузорӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо нишон медиҳад, ки муаллиф мавқеи мустақили илмии худро ташаккул дода, нуктаҳои баёнгардидаро бо истифода аз доираи васеи манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок намудааст. Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур дорои хусусияти мустақилона ва сатҳи баланди илмӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, дар он баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи мазмун ва сатҳи илмии кори пешниҳодшуда мусоидат намояд. Аз ҷумла:

1. Дар сатҳи диссертатсия масъалаи кам намудани синну соли субъекти ҷиноят ба таври кофӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Бо дарназардошти он, ки тахрибкорӣ дар баъзе ҳолатҳо хусусиятҳои ҳамсон бо терроризмро доро мебошад, саволи мантиқӣ ба миён меояд: чаро синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдор ба мисли терроризм аз 14-солагӣ муқаррар нагардидааст? Чунин таҷриба, тавре худи муаллиф ишора намудааст, дар қонунгузории як қатор давлатҳо, аз ҷумла Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, зарур буд, ки муаллиф мавқеи илмии худро нисбат ба масъалаи мазкур равшантар баён намуда, онро бо далелҳои ҳуқуқӣ, криминологӣ ва муқоисавӣ асоснок мегардонд.

2. Муаллиф дар саҳифаи 18 чунин андешаро пешниҳод менамояд, ки ишораи «содир кардани кирдорҳои дигар» аз кушода будани рӯйхати амалҳои тахрибкорона шаҳодат медиҳад ва ҳар амале, ки бо мақсадҳои дар моддаи 309 КҶ ҶТ пешбинишуда содир шуда, ба объекти ҳифзи ҷинояти мазкур дахл дорад, метавонад тибқи ҳамин модда бандубаст гардад. Ба андешаи мо, чунин тафсир хусусияти баҳснок дорад, зеро он метавонад ба тавсеаи аз ҳад зиёди доираи татбиқи меъёр ва, дар натиҷа, ба хатари бандубасти нодурусти ҷиноятҳо оварда расонад.

Албатта, камбудиҳои болозикрш ба сифати таҳқиқоти илмӣ таъсири манфӣ намеравонанд ва хусусияти тавияviро доро мебошанд.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонова Афзуна Азимбоевна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ такмил ёбад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шерализод С.

Имзои Шерализод С. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

7 апрели соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,Тел.: (+992 237) 234-88-02. E-mail: miraliev31@gmail.com